# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2019

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2019 дар маҷмуъ 75 ташкилоти қарзии молиявӣ, 19 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 33 ташкилоти ломбардӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё), Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар ҷамъбасти семоҳаи сеюми соли 2019 дар маҷмуъ ба 22 336,5 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба маблағи 216,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Зиёд шудани дороиҳои бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар давраи ҳисоботӣ, ба афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ мусоидат намуд. Нишондиҳандаи дороиҳо нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 30,1 фоиз баробар гардид.

Аз дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар 95,4 фоиз ба низоми бонкӣ рост омада, танҳо 4,6 фоизи онро дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (1,9 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (1,0 фоиз), Фонди дастгирии соҳибкорӣ (1,1 фоиз) ва АСИН (0,6 фоиз) ташкил медиҳанд.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 30.09.2019 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **адад** | **дороиҳо (млн. сомонӣ)** | **(% аз ҷамъ)** | **Афзоиши дороиҳо нисб. авв. сол (%)** |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **75** | **21 312,0** | ***95,4*** | **0,5** |
| ***Бонкҳо*** | ***17*** | ***18 146,5*** | ***81,2*** | ***0,4*** |
| *Бонки давлатӣ** | *3* | *9 391,0* | *42,0* | *-2,1* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *125,6* | *0,6* | *-* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *2 526,8* | *11,3* | *17,8* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *6 103,1* | *27,3* | *-3,6* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***58*** | ***3 165,5*** | ***14,2*** | ***1,1*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *21* | *2 560,6* | *11,5* | *-3,5* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *6* | *228,4* | *1,0* | *21,1* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *31* | *376,5* | *1,7* | *30,9* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | ***328*** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **19** | **431,9** | **1,9** | **16,1** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **6** | **221,0** | **1,0** | **19,8** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **33** | | | |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **240,4** | **1,1** | **4,9** |
| **АСИН**** | **1** | **131,2** | **0,6** | **0,0** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***137*** | ***22 336,5*** | | ***1,0*** |
| ***Бо % нисбат ба ММД*** | | ***30,1*** | | |

**3 адад бо иштироки сармояи давлатӣ*

***Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Низоми бонкии кишвар ба ду гурӯҳ тақсим шуда, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломиро дар бар мегирад. Ташкилотҳои қарзӣ бошад ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) ҷудо мешаванд. Дар семоҳаи сеюми соли 2019 дороиҳои низоми бонкӣ ба 21 312,0 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҷамъбасти соли 2018 ба андозаи 0,5 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 328 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва 1 480 маркази хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ хизмат расониданд. Илова бар ин, дар ин давра шумораи суратҳисобҳои бонкии барои муштариён кушодашуда, 3 798,8 ҳазор ададро ташкил намуд, ки нисбат ба семоҳаи сеюми соли қаблӣ 12,7 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, вобаста ба зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба андозаи 22,8 фоиз афзуда, ба 431,9 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ, 16 ташкилоти суғуртаи ғайридавлатӣ ва 1 ҷамъияти суғуртаи мутақобила бо 77 адад филиалҳо хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ 240,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҷамъбасти соли 2018 ба андозаи 4,9 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба охири соли 2018 ба андозаи 19,8 фоиз афзоиш ёфта, ба 221,0 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар ҳолати дастрас гардидани маълумоти зарурӣ аз рӯи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.